**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзуи “Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ).**

Одилзода Исмоил Одил 04 декабри соли 1994 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2012 – ба Донишгоҳи миллӣ Тоҷикистон бо ихтисоси “Танзими давлатии иқтисодиёти миллӣ” дохил шуда соли 2017 донишгоҳи мазкурро хатм кардааст. Дар солҳои минбаъда дар вазифаҳои гуногуни таълимӣ, идоракунӣ ва ташкилӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва сохторҳои давлатӣ соҳибкорӣ фаъолият намудааст. Аз ҷумла, солҳои гуногун ҳамчун мушовири академӣ, муовини декан, мудири кафедра ва декани факултет фаъолият кардааст. Аз 26 марти соли 2025 то ҳол дар вазифаи директори Маркази таҳсилоти фосилавии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кор мекунад.

Аз соли 2023 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодии соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) фаъолияти илмию таҳқиқотӣ намуда истодааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб), фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) дар донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва имтиҳон аз рӯйи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон супорида шуд.

Одилзода Исмоил Одил дар як қатор конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, корҳои илмиашро оид ба бобҳои асосии диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба нашр расонидааст.

Дар раванди таҳияи диссертатсия Одилзода Исмоил Одил худро ҳамчун таҳқиқотчии фаъол ва мустақил муаррифӣ намуда, аз адабиёти илмию назариявии ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маводи таҳлилӣ ба таври васеъ истифода бурдааст. Дар таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои асосии рушди соҳибкорӣ дар соҳаи саноат дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон), инчунин таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ва имкониятҳои татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили ҳамаҷонибаи илмӣ қарор гирифтаанд.

Мақсади асосии диссертатсияи Одилзода И.О. аз асоснокгардонии муқаррароти илмию назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба такмили механизми рақамикунонии субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ иборат буда, натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки довталаб ба мақсади гузоштašуда ноил гардида, вазифаҳои пешбинишуда пурра ҳал шудаанд.

Теъдоди корҳои нашршудаи муаллиф, ки дар давоми фаъолияташ таҳия шудаанд, аз доираи фаъолияти ӯ дарак медиҳанд. Оид ба мавзуи рисолаи номзадӣ унвонҷӯ дар маҷмӯъ 18 мақолаи илмиро ба нашр расонидааст, аз ҷумла 12 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар диссертатсия асосҳои илмию назариявии рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба таври муфассал таҳлил гардида, моҳият, шаклҳо ва нақши дастгирии давлатӣ дар рушди устувори соҳибкории саноатӣ муайян карда шудаанд. Муаллиф таҷрибаи ҷаҳониро оид ба рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ҷамъбаст намуда, имкониятҳои татбиқи унсурҳои он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистонро асоснок намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар амиқтар намудани фаҳмиши илмии моҳият, мuҳтаво ва унсурҳои асосии рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон) ифода меёбад. Мафҳумҳо ва таснифоти асосӣ равшан карда шуда, равишҳои муосири назариявӣ ва методӣ барои рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба низом даровarда мешаванд, инчунин таъсири рақамикунонӣ ба рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ асоснок карда мешавад. Муқаррароти дар диссертатсия таҳияшуда ба рушди асосҳои илмии соҳибкории саноатӣ ва такмили воситаҳои таҳлилии рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ мусоидат мекунанд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар таҳияи тавсияҳои амалӣ барои рушди соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истифодаи технологияҳои рақамӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкории саноатӣ, ташаккули механизмҳои муосири рушди соҳибкории саноатӣ ва таҳияи амсилаи рушди ҳамаҷонибаи он ифода меёбад. Натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия таҳияшуда метавонанд дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории саноатӣ, мақомоти давлатӣ ва сохторҳои марбут ба рушди соҳибкории саноатӣ истифода шаванд.

Пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмии таҳияшуда хусусияти амалӣ дошта, метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, сохторҳои дастгирии соҳибкории саноатӣ, инчунин ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар (дар мисоли вилояти Хатлон) истифода гарданд.

Диссертатсия бо сатҳи баланди таҳлили илмӣ, мантиқи пайдарпайи баён, истифодаи васеи адабиёти ватанию хориҷӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фарқ мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқот аз мустақилияти илмии довталаб, қобилияти таҳлилӣ ва омодагии ӯ барои анҷом додани тадқиқоти илмӣ шаҳодат медиҳанд.

Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот мутобиқ буда, натиҷаҳои бадастомада асоснок ва эътимодбахш мебошанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзуи “Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)” рисолаи мустақилона, мукаммал ва дар мавзуи мубрам иҷрошуда ба ҳисоб рафта, дорои унсурҳои навгонии илмӣ ва аҳамияти илмию амалӣ мебошад, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) тавсия мегардад.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
директори Инистути илмию тадқиқотии
рушди устувор ва иқтисоди сабзи ДБССТ Шарофзода Ф.Р.

**Суроға:**
734055, ш.Душанбе, хиёбони Борбад,48/5
Тел.:985-77-79-00, e-mail: sharopov.farkhod@gmail.com

*Имзои Шарофзода Ф.Р.-ро тасдиқ менамоям.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва таъминоти
ҳуқуқии Института илмию тадқиқотии
рушди устувор ва иқтисоди сабзи ДБССТ Раҳмонзода М.Ҷ.

«22» 04 соли 2026